# ИСТЕҲКОМИ ИСТИҚЛОЛ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

СУЮНОВ Э.С. ЭШОНҚУЛОВ А.А.

Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ормони ҳазорсолаи миллати тоҷик ва шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад, ки пас аз чандин асрҳо баъди заволи давлатдории Сомониён дубора эҳё гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш пайваста таъкид менамоянд, ки "Истиқлолият неъмати бебаҳо, мафҳуми арзишманд ва фазои озоду осудаи кишвар барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ ва шаҳрвандони сарбаланди он мебошад". 9-уми сентябри соли 1991 замоне давлати Тоҷикистон истиқлолияти миллии худро эълон намуд, ба як марҳилаи мураккаби ҷанги шаҳрвандӣ, фазои тезу тунди номусоид барои иҷрои амалҳои иҷтимоӣ, сатҳи баланди фақри аҳолӣ ва билохира суст гардидани пояҳои амниятӣ кишвар ва таҳдиди хатарҳои ҷонгудоз, гуреза шудани миқдори зиёди аҳолӣ қаламрави мамлакатро фаро гирифт.

Дар ҳамон замон матонату иродаи қавии Пешвои миллат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон буд, ки барои халқи Тоҷикистон умед, эъмори Тоҷикистони соҳибистиқлол ва фазои орому осуда ва таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандонро навид ва кафолат медоданд. Баъдан дар тӯли зиёда аз се даҳсола дар тамоми самтҳои асосии давлатдорӣ, аз ҷумла сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ-фарҳангӣ инчунин ба нақша ва тадбиқ намудани ҳадафҳои арзишманди стратегии мамлакат давра ба давра ба комёбиҳои назаррас ноил гардидем.

Замони истиқлол, ки расо ба аз ду сол 35-солагии он ботантана ҷашн гирифта мешавад, барои мардуми шарафманди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳар ҷиҳат арзишманд, мояи ифтихори ва пешравиҳои назаррасро рӯи саҳфаи таърих овард, инчунин барои зиндагии шоистаи

шаҳрвандон заминаи мусоид гузошта шуд. Аз ҷумла аз бунбасти комуникатсионӣ раҳо ёфтани давлати Тоҷикистон, яъне бо Ҷумҳурии Халқии Чин, давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Миёна, бо Федаратсияи Россия ва дигар мамлакатҳои шарқи наздику Аврупо робитаҳои тиҷоративу дипломатӣ ва табодули молу маҳсулот пурра ба роҳ монда шудааст. Дуюм паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва ба 32% афзоиш ёфтани захираҳои умумии пасандоз, аз тарафи дигар қадамҳои наздик барои иҷрои ҳадафи сеюми миллии мамлакат ин истиқлолияти энергетикӣ ва билохира ба саноаткунонии босуръати кишвар рӯз ба рӯз ноил шуда истодаем.

Дар замони истиқлолият таваҷҷӯҳи Роҳбари давлат ва ҳукумати мамлакат ба маориф ва фарҳанг, ки яке аз самтҳои афзалятнок дар сиёсати дохилӣ ба шумор меравад, диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Маҳз чунин ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат мебошад, ки дар ҳафт соли охир дар мамалкат 1380 иншооти соҳаи маориф ва танҳо дар соли 2023 117 иншоот бунёд ва ба истифода дода шуд.

Бо дар назардошти аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамалакат, солҳои 2022-2026 “Солҳои рушди саноат” эълон карда шуд.

Дар ин раванд яке аз озмунҳои сатҳи ҷумҳурявӣ “Тоҷикистон ватани азиз”, ки аз чанд бахшу номинатсияҳо иборат буда, яке аз номинатсияҳои асосии он инкишофи соҳаи санъати тасвирӣ ва дизайн, инчунин вусъат додани корҳои амалӣ дар рушди ҳунарҳои мардумӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки ихтисосмандони соҳаи санъати тасвирӣ ва дизайн, рушди ҳунарҳои мардумӣ низ имкон пайдо намуданд, ки касбият ва истеъдоди худро дар сатҳи фаромиллӣ ва ҷумҳурявӣ инчунин дар иртибот бо муносибаҳои байналмилалӣ ба сатҳи ҷаҳони бароранд.

Озмунҳои сатҳи ҷумҳурявӣ аз қабили “Тоҷикистон ватани азиз” имконият ва шароит фароҳам оварда истодааст, ки соҳибкасбони доираи санъати тасвирӣ ва дизайн низ дар рушди зебоишиносӣ, зебоипарастӣ, ороиши муосир ва тавъм бо ороишҳои миллии гушаи канори мамлакатро

ба тарзи тасвир ба бинанда расонанд. Аз ин ҷост, ки аз замонҳои пеш, то ҳатто пештар аз замони истиқлол ҳам мутахассисони соҳаи санъати тасвирӣ, нақшакашӣ дар тарғиботу дастгирии синфи коргар дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъдан дар замони истиқлол низ саҳми беандоза гузошта бо тасвир дар забони ранг ва қалам онҳоро дастгирӣ менамуданд. Мисоли равшан дар замони пеш аз истиқлол ин инъикос намудани меҳнату заҳматҳои синфи коргар, пахтачинҳо, деҳқон, сохтмончиён ва дигар табақаҳои заҳматкаши аҳолӣ мебошад. *Расмҳои зери тасвирии рассомон.*

1. *Пахтачинӣ*



*2. Ороиши биноҳо*





*3.Бинои Маҷлиси Олӣ (давраи пеш аз истиқлол)*

Дар замони истиқлол низ чунин анъана ва рушди касби санъати тасвирӣ бо маром идома дода шуда, аз тарафи рассомони кишвар,

Арбобони ҳунари санъати тасвирӣ ва дигар соҳибкасбони ин равия идома дода шуда истодааст. Эркин Суюнов яке аз рассомони чирадаст, дорандаи медали “Хизмати шоиста”, узви Иттифоқи рассомон ва дизайнерони Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллифи чандин намодҳо (логотипи) сатҳи ҷумҳурявӣ ва байналмиллалӣ, аз ҷумла 5500-солагии Саразми бостон, 30-солагии истиқлолият, 10-солагии ДДСТДТ, иштирокчии намоишҳои сатҳи байналмилалӣ дар соҳаи санъати тасвирӣ ва рассомӣ, муаллифи лоиҳа ва ороишгари чандин маконҳои фарҳангӣ-маърифатӣ-фароғатӣ ва биноҳои сатҳи давлатӣ мебошад.

*4. Намоди 5500-солагии Саразм*

*5.Намоди 10-солагии ДДСТДТ*

Яке аз асарҳои рассомии Э.Суюнов, ки ба тозагӣ таълиф шудааст, ин дар арафаи 32-юмин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Маҷмааи истиқлолият” мебошад. “Маҷмааи истиқлолият” ва майдони истиқлол дар баробари майдони И.Сомонӣ ва пайкари Исмоили Сомонӣ, манораи “Нишони давлатӣ”, “Парчами давлатӣ”, “Қасри миллат” ва дигар иншоотҳои замони истиқлол хеле муҳим ва зарурӣ буда, ин ҳуввияти давлатию давлатдорӣ, таҷдид ва рушди замони истиқлол мебошад.

Маҷмааи «Истиқлол» (ҳамч. Маҷмааи «Истиқлол ва Озодӣ») — дар маркази ш. Душанбе дар хиёбони Рӯдакӣ ва кӯчаи Саид Носир дар назди Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ҷойгир аст. Маҷмааи «Истиқлол» 8 сентябри соли 2022 ба истифода супорида шудааст.

Маҷмааи «Истиқлол» 121 метр баландӣ дорад, ки он рамзӣ аст, яъне қисми поёнии маҷмаа 30 метр — рамзи 30-солагии Истиқлоли давлатӣ ва қисмати болоӣ 91 метр мазмуни дар соли 1991-уми асри XX ба даст овардани Истиқлолро ифода менамояд.

Масоҳати умумии маҷмааи рамзи «Истиқлол» 11 ҳазору 900 метри мураббаъро дар бар гирифта, майдони зери сохтмон 4 ҳазору 761 метри мураббаъ мебошад.[1]

Дар қисмати болои маҷмаа тоҷи қутраш 8 метра, ки аз титан сохта шудааст, ҷойгир мебошад. Дар рамзи «Истиқлол» тоҷ ҳамчун рамзи давлатдорӣ, истиқлол, соҳибдавлативу соҳибтамаддунӣ ва таърихи омӯзандаи миллати куҳанбунёди тоҷикро таҷассум мекунад. Пояи маҷмаа пирамидаи ҳаштруя буда, аз 7 даромадгоҳ иборат мебошад.[1]

Ошёнаи якуми иншооти мазкур аз 7 толори кушоду барҳавои намоишгоҳ, қабули меҳмонон ва толори синамои 5D бо 12 ҷойи нишаст иборат аст.

Дар ошёнаи дуюми маҷмаа Осорхонаи таърихии шаҳри Душанбе ташкил карда шудааст, ки аз галерея ва «Тахти тоҷикон» иборат буда, 15 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ ва ҳуҷраи назорати камераҳои мушоҳидавӣ дорад. Осорхона марҳилаҳои гуногуни таърихиро дар бар гирифта, дар он асосан бозёфтҳое, ки зимни гузаронидани кофтуковҳои археологӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе дарёфт гардидаанд, ҷамъоварӣ шудааст. Аз ҷумла, дар он ҷо табарҳои сангӣ, ки аз маҳаллаи Лучоб ва соҳили дарёи Душанбе дарёфт гардида, мутааллиқ ба асри санг мебошанд, ҷой дода шудаанд.[1]

Аз ҷумла, “дарахти ҳаёт” бо реша, тана ва шохаҳои он рамзи зиндагии ҷовидона ва сарсабзию устувории ҳаёт, тоҷпоя — рамзи пойдору устувор ва бардавом нигоҳ доштани тоҷ, ҳафт гунбази гирдогирди муҷассама рамзи 7 қабати замину осмон, 7 иқлим, 7 ранги асосии табиат ва 7 зинаи ташаккули илму маърифат ва худшиносию ҷаҳоншиносии инсониятро ифода менамоянд.[2]

Яке аз меъмориҳои диққатҷалбкунандаи ин меъморӣ аз берун 14 деворнигораи андозаи 9 бар 5,20 метр иҳотанамуда мебошад, ки ин чаҳордаҳ деворнигора таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик, вобаста ба марҳалаҳои таърихӣ бо аксу рамзҳо таҳти унвонҳои гуногун тасвир ёфтааст. Дар ин чаҳордаҳ деворнигора таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик, вобаста ба марҳалаҳои таърихӣ бо аксу рамзҳо таҳти унвонҳои гуногун тасвир ёфтааст.

Деворнигораҳо бо унвонҳои мухталиф аз қабили “Каюмарс ва Ҷамшед ҳамчун шоҳи аввалини ақвоми ориёӣ, шиносоӣ бо китоби Авесто”, “Ба сари қудрат расидани Куруши Кабир ва муттаҳид намудани сарзаминҳои ориёӣ”, “Мубориза Спитамен бо Искандари Мақдунӣ” бо номи муҳорибаи “Санги суғдӣ”, доир ба се давлати абарқудрати аҷдодӣ - Ашкониён, Кушониён, Сосониён, “Деваштич. Давлатдории Тоҳириён ва Саффориён”, “Сомониён. Исмоили Сомонӣ. Вазирон, аҳли илму адаб”, “Тоҷикон дар асрҳои XI - XVI”, “Темурмалик – қаҳрамони халқи тоҷик”, дастовардҳои фарҳангии як марҳалаи тӯлонии таърихи ниёкон бо нишон додани акси китобу катибаҳои асримиёнагӣ ва намунаи санъату ҳунар, шоирону адибон аз Абдураҳмони Ҷомӣ то Аҳмади Дониш, доир ба шаҳрҳои бузурги таърихии тоҷикон Саразм, Гонур, Балх, Нисо, Марв, Самарқанд, Бухоро, Тахти Сангин, Хуҷанд, Панҷакенти қадим, Бунҷикат, Ҳулбук, Қалъаи Ҳисор, Ҳирот, Ғазна, “Таърихи нав. Сохтмонҳои бузург”, “Давраи истиқлолият. Қасри Арбоб, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Майдони Дӯстӣ, сохтмони аср – НБО-и “Роғун” ва дастовардҳои замони истиқлолият барои бинанда маълумот медиҳад. [2]

Ҳамин аст, ки рафти сохтмони ин истеҳкоми замони истиқлол аз тарафи рассом Э. Суюнов ба тасвир кашида шудааст. Муаллифи рафти сохтмони “Маҷмааи Истиқлол” – ҳамчун истеҳкоми истиқлол ва эҳёи он дар тӯли зиёда аз 30-соли истиқлолият бо сабки худ ва фарқунанда дар фазои озоду ороми кишвар, ҳамчун заҳмати лоиҳакашон,сохтмончиён,

ободкунандагони гирду атроф, майдони сарсабзу озодӣ ба қалам дода, чун сояи ҳавои софу беғубори ватан дар замин гоҳ-гоҳ акс ёфта, бо композитсияи ҳандасавии шаклҳо болои ҳам чун хишт барчидашуда, дар натиҷа истеҳкоми истиқлол намудор шуда истодааст. Сабки муаллифи



асари зер ҳамчун равзанализм, ки бо шаклҳои маъмули ҳандасӣ вобастагии зич дошта ҳангоми ҷобаҷокунӣ ва истифодаи ранг дар композитсияи он рафти сохтмони маҷмааи “Истиқлол” намудор шуда истодааст.

*Рафти сохтмони маҷмааи “Истиқлол”. Рассом Э.Суюнов*

Ҳамаи он ҷузъиётҳое, ки дар расм дида мешавад ва инчунин дохили онро низ дар бар мегирад дар боло шарҳ дода шудааст, ки аз тарафи муаллиф барои бинандаи соҳибзавқ бо нигоҳи ранг ва шаклҳои геометрӣ оварда шудааст.

Дар ҳамин сабк ва равиши тасвир рассом Э.Суюнов сохтмони аср – НБО-и “Роғун”-ро низ тасвир намудааст.



*Тасвири НБО “Роғун”-муаллиф рассом Суюнов Э.*

Ҳамин тавр истиқлолият барои шаҳрвандони Тоҷикистон ва миллати кӯҳанбунёд озодӣ, фазои орому осудаи фаъолият, ҳамдигарфаҳмӣ, нигоҳи нав ба замони бисёр ҳам зудтаъғирёбандаи ҷаҳонишавӣ, эҳтиром ба арзишҳои муҳими давлатдорӣ, рамзҳои давлатӣ ва дигар дастоварҳои он мебошад.

## САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА:


1. Донишномаи озоди интернетӣ
2. Маводҳои тасвирии шахсии рассом Э.Суюнов
3. Суханрониҳои Президенти мамлакат Пешвои миллат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар 30-соли истиқлолият